# ВАТАНФУРУШОНУ НОСИПОСОН ДАР ҲИЛЛА ГУМАНД...

Ҳодисаи охири дар зиндони Ваҳдат рух дода, таваҷҷӯҳи ҳамаро ба суйи худ ҷалб намуд. Аҷибтар аз ҳама он аст, ки баъзе дайдуву фирориҳои ватанбезор аз ин ҳодиса ба манфиати худашон истифода бурдан мехоҳанд. Охир ин мардум (роҳбарони ақлбохта аз Варшававу Олмон, Фаронса) то кай аз террорист, одамкуш, дузду авбош зур зада "зиндонии сиёсӣ" месозанд. Охир шарм намедоранд, ки ин авбошон, террористон бар хилофи тартибот, ӯҳдадорӣ қасди куштани нигаҳбононро доштанд. Аз ин фоҷиа, ки хушбахтона мақомот пеши роҳи онро гирифтанд инсонҳои бегуноҳ зарар медиданд. Эй мардуми аз ватан безор бо кадом рӯ виҷдон аз террористону одамкушон "зиндонии сиёсӣ" месозед. Мутаассифона, ҳеҷ гоҳ ба манфиати миллат кор накардед ин ҳодиса бароятон рекламаи шахсият шуд. Шумо чӣ кор карден? ҳеҷ! Ватанро назди бегонагон фӯрухтен бо номи "зиндонии сиёсӣ" худро мисли занҳо пушти чодар пинҳон кардед... сад ҳайф...

Дар бораи онҳое, ки бо ҳарорат ҳарф зада "зиндонии сиёсӣ" муаррифӣ кардан мехоҳед, ки онҳо қасди куштори инсон, нигаҳбонони зиндонро доштанд.... Террорист, дузд, одамкӯш, ватанфурӯш ва хиёнаткор

ҳеҷ гоҳ одамсифат нест. Хоҷагони аврупоиву варшавӣ олмониву фаронсавиро фаромӯш кунед ин миллат кайҳо шуморо "оқ" кардааст. Аз як террорист зур зада миёнатонро шикаста "маҳбуси сиёсӣ" месозед. Як ҳушдор! Ин ҳама дурӯғ фитна ба хотири он аст, ки аз хоҷагонатон маблағи муфт ба даст оред. Кабирӣ, Муҳаммадиқбол ва ёрони дигаратон Ватан, миллат, мардуми тоҷикро фурӯхтед бас нест. Мардиатон намондааст, либоси занона пушед аслан ҳеҷ касед ,зеро ҳаракат рафтор даъвотон дигар занона гаштааст.

Ҳоло бо ном паймони мунофиқон ва шабакаи ҷосусии Муҳаммадиқбол аз чанд террористу бандит, одамкӯш, зиндонии сиёсӣ сохтанӣ ҳастанд, бехабар аз он ки террористу одамкӯш ва тобеъӣ гурӯҳи давлати исломӣ ҳеҷ гоҳ маҳбуси сиёсӣ набуданду нестанд. Афсус аз он мехурам ки тайи чанд рӯзи охир мардумро "гул" зада бо дурӯғу фитна хабарҳои беасос мардумро аз роҳи интихобкардаашон боздоштед. Умри фитнаву дурӯғ кутоҳ аст. Ҳеҷ гоҳ бо фитнаву дасиса ҷойгоҳи муносиб насибатон намешавад.

Ман медонам вақте фиребу найранг аз ҳад мегузарад шармандаи хешу табор мегардӣ. Аммо ҳанӯз ватанфурушону носипосон дар ҳилла гуманд.